**Хизматрасониҳои SMG**
**Сиёсати махфияти умумиҷаҳонӣ**

Санаи эътибор: Марти 2018

Ин Сиёсати махфият ба коркарди маълумоти шахсие тааллуқ дорад, ки аз тарафи SMG ба воситаи сомонаҳо, хизматрасониҳо ва барномаҳо, аз он ҷумла барномаҳои мобилие, ки дорои ин Сиёсати махфият, пайванд ё истинод ба он мебошанд (дар маҷмӯъ, "**Хизматрасониҳои SMG**") ҷамъ карда мешавад. "Маълумоти шахсӣ" ин маълумотест, ки ба шахси воқеии муайяншуда ё муайяншаванда тааллуқ дорад. Соҳиби ва/ё идоракунандаи Хизматрасониҳои SMG ширкати Service Management Group, LLC, Service Management Group Limited, Service Management Group GK, ва намояндагони ваколатдори он (дар маҷмӯъ, "**SMG**," "мо" ё "ҳамаи мо") мебошанд. Ин Сиёсати маҳфият муайян мекунад, ки чӣ тавр мо Маълумоти шахсии шуморо ҷамъ ва коркард мекунем.

ИН ОГОҲИНОМАИ МАХФИЯТРО МУТОЛИА КУНЕД. Маълумоти шахсии шумо чӣ тавре ки дар Сиёсати маҳфият муайян шудааст, коркард ва ҷамъ карда мешавад.

Агар то ҳол накарда бошед, Шартҳои хизматрасонии SMG-ро мутолиа кунед, ва бо шартҳое, ки истифодабарии шуморо нисбати сомонаҳо, барномаҳо, хизматрасониҳо ва барномаҳои мобилӣ ("Хизматрасониҳои SMG") идора мекунанд, шинос шавед.

**АГАР ШУМО БО ЯГОН ҚИСМИ СИЁСАТИ МАХФИЯТ Ё ШАРТҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ РОЗӢ НАБОШЕД, ХИЗМАТРАСОНИҲОИ SMG-РО ИСТИФОДА НАБАРЕД.**


1. **ТАҒЙИРОТ БА СИЁСАТИ МАҲФИЯТ**
2. **КАТЕГОРИЯҲОИ МАЪЛУМОТИ ШАХСИИ КОРКАРДШАВАНДА АЗ ТАРАФИ SMG**
3. **ТАРЗИ ҶАМЪКУНИИ МАЪЛУМОТ ВА МАҚСАДҲОИ КОРКАРД**
4. **АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ БАРОИ КОРКАРД**
5. **ТАРЗИ ИСТИФОДА ВА МУБОДИЛА КАРДАНИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ**
6. **НИГАҲДОРӢ ВА НЕСТКУНИИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ**
7. **ҲУҚУҚҲО ВА ИМКОНОТИ ШУМО НИСБАТ БА КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ**
8. **ОҚИБАТҲОИ ТАЪМИН НАКАРДАНИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ**
9. **СИЁСАТИ КУКИҲО**
10. **ИДОРАКУНИИ МАЪЛУМОТИ ҲИСОБИ ШУМО**
11. **МАХФИЯТИ КӮДАКОН**
12. **ПАЙВАНДҲО БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАРАФҲОИ СЕЮМ**
13. **АМНИЯТИ МАЪЛУМОТ**
14. **ХУСУСИЯТҲОИ ҶУҒРОФӢ ВА ИНТИҚОЛҲОИ БАЙНИСАРҲАДИИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ**
15. **МАЪЛУМОТ БАРОИ ТАМОС**
16. **НАЗОРАТКУНАНДАИ МАЪЛУМОТ ВА МАНСАБДОРИ ҲИФЗИ МАЪЛУМОТ**


## 1. ТАҒЙИРОТ БА ИН СИЁСАТИ МАҲФИЯТ

Баъзан, мо ин Сиёсати махфиятро навсозӣ мекунем, вақте ки мо ба Сиёсати махфият тағйирот ворид мекунед, монанди иловакунии хизматрасониҳои нав ва барномаҳо, беҳтаркунии хизматрасониҳои мо, ва мутобиқсозии тағйирот ба технологияҳо ва қонунҳо. Санаи эътибор барои Сиёсати махфияти мазкур дар қисми болои саҳифаи сомонаи ҷорӣ муайян карда шудааст, ва санаи охирини навкунии Сиёсати махфиятро нишон медиҳад. Агар ин тағйирот муҳим бошад, SMG ба шумо огоҳиномаеро ирсол мекунад, ва агар мувофиқи қонунгузории татбиқшаванда лозим бошад, мо розигии

шуморо дархост мекунем. Ин огоҳинома тавассути ҷойгиркунии огоҳинома оид ба тағйирот дар сомонаи мо ё тавассути барномаҳои мо таъмин карда мешавад.

## 2. КАТЕГОРИЯҲОИ МАЪЛУМОТИ ШАХСИИ КОРКАРДШАВАНДА АЗ ТАРАФИ SMG

SMG аз номи ширкатҳое, ки мехоҳанд афзалиятҳои истеъмолкунандагони худро нисбат ба молҳо ва хизматрасониҳои худ беҳтар донанд таҳқиқотҳои маркетингиро мегузаронад. Ин ширкатҳо "**Муштариёни**" мо мебошанд. Мо аз номи Муштариёни мо саволномаҳоро ташкил мекунем (дар маҷмӯъ, "**Саволномаҳо**") ва ин маълумотро барои ба даст овардани хушфаҳмии истеъмолкунандагон истифода мебарем, масъалан, дар куҷо, кай ва чанд бор истеъмлкунандагон маконҳо ё нуқтаҳои савдои чаканаро боздид мекунанд ва таҷрибаи онҳо ҳангоми боздид. Вақте ки шумо ба Саволнома ҷавоб медиҳед ё аз Хизматрасониҳои SMG истифода мебаред, мо маълумоти шахсии шуморо ҷамъ мекунем, ки шумо ба таври ихтиёрӣ онро ба мо дастрас мекунед.

Маълумоти шахсие, ки мо ҷамъ мекунем, зеринро дар бар мегирад: (1) маълумоти тамос (монанди нишонии почтаи электронӣ, рақами телефон ва номи корфармои шумо); (2) маълумоти демографӣ (монанди ҷинс, санаи таваллуд ва рамзи почта ё zip); (3) ҷавобҳои шумо дар саволномаҳо, то он дараҷае, ки маълумот шуморо муайян мекунад ё ин ки шуморо ҳамчун шахси муайяншаванда пайваст мекунад; ва (4) маълумоти марбут ба истифодабарии шумо аз Хизматрасониҳои SMG ("Маълумоти истифодабарӣ").

Маълумоти истифодабарие, ки мо ҷамъ мекунем, зеринро дар бар мегирад: (1) нишонии IP; (2) сервери доменӣ; (3) навъи дастгоҳ(ҳо)е, ки барои дастрасӣ ба Ҳизматрасониҳо истифода мешавад; (4) омор ва маълумоти марбут ба амалиёти якҷоя байни браузер ё дастгоҳи шумо, монанди намунаи дастгоҳ, провайдер/шабака, маълумоти кори батарея барои беҳинасозии гирифтани намунаи ҷойгиршавӣ дар асоси вақти боқимондаи кори батарея, ва омори истифодабарии асосӣ оид ба дастгоҳи шумо; (5) GPS-и вақти ҳақиқӣ ё дигар маълумоти ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, вақте ки шумо барои қабул кардани маълумот тавассути танзимоти ҷойгиршавии (ё ба он монанд) дастгоҳи худ ба мо иҷозат медиҳед; (6) саҳифаи сомонаи иқтибосӣ ё манбаи дигари дастрасӣ ба Хизматрасониҳо. Вақте ки шумо ба Саволномаҳои онлайн ҷавоб медиҳед, мо якчанд хусусияти беназирро дар бораи дастгоҳи шумо ҷамъ мекунем, барои мақсадҳои муайянкунӣ ва пешгирии фиребгарӣ.

## 3. ТАРЗИ ҶАМЪКУНИИ МАЪЛУМОТ ВА МАҚСАДҲОИ КОРКАРД

Мо маълумотеро ҷамъ ва коркард мекунем, ки шумо ба мо таъмин менамоед ва аз истифодабарии шумо дар Хизматрасониҳои SMG мегирем. Маълумоте, ки ҷамъ карда мешавад ва тарзи коркарди он аз тарзи дастрасӣ ва истифодабарии шумо дар Хизматрасониҳои SMG вобаста аст.

**Аз шумо**. Мо маълумотеро аз шумо ҷамъ мекунем, вақте ки шумо:

- **Ба саволнома ҷавоб медиҳед**: Мо маълумотеро ҷамъ мекунем, ки шумо бо ҷавобҳои худ дар Соволнома оид ба таҷрибаи истеъмолкунанда ва афзалиятҳои худ пешниҳод мекунед. Мо метавонем маълумотеро, ки аз ҷавобҳои шумо дар Савонома қабул кардем, бо маълумоте, ки мо аз Муштариёни мо қабул кардем, монанди маълумот дар бораи иштироки шумо дар барномаҳои вафодории муштарӣ, муттаҳид кунем, то таҷрибаи истеъмолкунандаи шуморо беҳтар фаҳмем. Мо инчунин метавонем маълумотеро, ки аз ҷавобҳои шумо дар Савонома қабул кардем, бо маълумоте, ки мо аз ҷавобҳои корбарони дигар дар Саволнома қабул кардем, муттаҳид кунем, то таҷрибаи истеъмолкунандаро ҳаматарафа беҳтар фаҳмем. Вақте ки

шумо ба Саволнома ҷавоб медиҳед, маълумоте, ки шумо интихоб карда, ба мо таъмин менамоед, дар гузоришҳо ва таҳлилҳои таҷрибаҳои истеъмолкунанда ва афзалиятҳо барои Муштариёни мо истифода бурда мешавад, ё барои ягон мақсади дигаре, ки мо ба шумо ошкор мекунем, вақте ки маълумот ҷамъ карда мешавад. Агар хоҳед, ки маълумоти шумо дар гузоришҳо, таҳлилҳо, ё дар мақсадҳои дигар истифода бурда нашавад, шумо метавонед ба Саволнома ҷавоб надиҳед.

- **Истифодаи Хизматрасониҳои SMG.** Вақте ки шумо дар Хизматрасониҳои SMG кор мекунед, Маълумоти истифодабарӣ ба воситаи истифодаи кукиҳо ва дигар абзорҳои ҷамъкунии иттилоот, ба таври худкор ҷамъ карда мешавад. Мо ин Маълумоти истифодабариро барои осонсозии алоқабандӣ байни дастгоҳи шумо ва низомҳои мо, таъмини Саволномаҳо, таъмини яклухтии Саволномаҳо, муайян ва пешгирӣ кардани фиребгарӣ, гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ, идора ва беҳтар кардани сомона ва барномаҳои мо, ва барои таҳлили истифодабарӣ, такмилдиҳӣ ва беҳтаркунии Хизматрасониҳои SMG истифода мебарем. Барои гирифтани маълумот оид ба мо чӣ тавр ва чаро кукиҳо ва абзорҳои ҷамъкунии иттилоотро истифода мебарем, ба қисми “Сиёсати кукиҳо”-и Сиёсати махфияти ҷорӣ нигаред.

- **Пешниҳод кардани Маълумоти шахсии худ ҳангоми истифодаи Хизматрасониҳои SMG:** Вақте ки шумо Маълумоти шахсии худро дар пайвастагӣ бо истифодаи Хизматрасониҳои SMG пешниҳод мекунед, монанди тамосгирии мо барои кумак, ё маълумот ё пешниҳоди шарҳҳо дар бораи таҷрибаи худ бо яке аз Муштариёни мо, мо маълумотеро, ки шумо пешниҳод мекунед, ҷамъ ва таҳлил мекунем. Вақте ки шумо шарҳҳоро ба SMG пешниҳод мекунед, маълумоте, ки шумо дастрас мекунед ба он хизматрасониҳое, ки мо ба Муштариёни мо таъмин менамоем ва ба таҳқиқоти маркетингии умумии мо саҳм мегузорад. Бо иҷозати шумо, шарҳҳои шумо метавонанд дар TrumpetRatings.com ва/ё сомонаҳои Муштариёни мо ҷойгир карда шаванд. Вақте ки чунин маълумот дар форуми иҷтимоӣ ҷойгир мешавад, монанди TrumpetRatings.com ё сомонаҳои дигари дастрас ба ҷамъияти умумӣ, чунин маълумот ба иттилооти ҷамъиятӣ мегардад. Чизҳое, ки шумо навиштед, метавонанд аз тарафҳои сеюм дида ва/ё ҷамъ карда шаванд ва аз тарафи дигарон, ба он тавре ки мо идора ё пешгирӣ карда наметавонем, истифода бурда шаванд.

- **Пайдо кардани дастрасӣ ба Хизматрасониҳои SMG тавассути маълумоти воридшавии Расонаҳои иҷтимоӣ:** SMG метавонад ба шумо имконияти истифодаи хизматрасониҳои шабакаи иҷтимоиро пешниҳод намояд (дар маҷмӯъ, “**Расонаҳои иҷтимоӣ**”) то тавонед ба баъзеи Хизматрасониҳои SMG дастрасӣ пайдо намоед. Агар интихоб кунед, ки ба Хизматрасониҳои SMG тавассути маълумоти воридшавии Расонаҳои иҷтимоӣ дастрасӣ пайдо намоед, SMG метавонад, вобаста аз танзимоти махфияти шумо, ба маълумоте, ки шумо дар платформаи Расонаҳои иҷтимоӣ ҷойгир мекунед, дастрасӣ пайдо намояд, монанди номи шумо, нишонии почтаи электронӣ, сурати профил, мақолаҳо, шарҳҳо ва дигар маълумоти марбут ба ҳисоби Расонаҳои иҷтимоии шумо. Мо метавонем ин иттилоотро барои мақсадҳое, ки дар Махфияти сиёсати мазкур изҳор шудаанд ва барои ягон мақсади иловагие, ки мо шуморо ҳангоми ҷамъкунии иттилоот хабардор мекунем, истифода барем. Агар нахоҳед, ки маълумоти Расонаҳои иҷтимоии шумо бо SMG аз ҷониби провайдери Расонаҳои иҷтимоӣ мубодила карда шавад, шумо бояд ҳисобҳои Расонаҳои иҷтимоии худро барои пайдо кардани дастрасӣ ба Хизматрасониҳои SMG истифода набаред.

**Аз Муштариёни мо.** Барои баъзеи маҳсулот ва хизматрасониҳои мо, муштариёни мо

метавонанд ба мо маълумотеро дар бораи амаликунии якҷояи шумо бо брендҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳои онҳо ирсол намоянд, ва ин маълумот метавонад дорои маълумоти марбут ба ягон барномаи вафодорие, ки шумо дар он иштирок мекунед ва маълумои марбут ба муомилаи шумо бо Муштарӣёни мо бошад. Мо метавонем ин маълумотро бо маълумоте, ки мо ҷамъ мекунем, барои беҳтар кардани таҳқиқотҳои маркетингии мо ва хизматрасониҳое, ки мо ба Муштариёни мо таъмин менамоем, муттаҳид кунем.

## 4. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ БАРОИ КОРКАРД

**4.1.** Вақте ки шумо ба Саволномаи мо ҷавоб медиҳед ё Хизматрасониҳои SMG-ро истифода мебаред, мо маълумоти тамоси шумо, маълумоти демографӣ ва ҷавобҳои шуморо аз Саволномаҳо коркард мекунем. Мо чунин Маълумоти шахсиро дар асоси манфиатҳои қонунии Муштариёни мо коркард мекунем барои гирифтани изҳори назари истеъмолкунандагони он, барои расонидани кумак ба Муштариёни мо дар беҳтаркунии маҳсулот ва хизматрасониҳои он ба фоидаи истеъмолкунандагон ва бизнесҳои он, ва дар асоси манфиатҳои қонунии SMG барои такмилдиҳии маҳсулот, хизматрасониҳо ва таҳқиқотҳои маркетингии SMG мувофиқи дархостҳои корбарон барои гирифтани кумак ё маълумот.

**4.2.** Вақте ки шумо ба Саволномаи мо ҷавоб медиҳед ё Хизматрасониҳои SMG-ро истифода мебаред, мо Маълумоти истифодабарии шуморо коркард мекунем. Мо ин Маълумоти истифодабариро дар асоси интихоби шумо барои иштирок дар Саволнома, тасдиқи розигии шумо борои истифодаи кукиҳои SMG ва дигар технологияҳои ҷамъкунии иттилоот, коркард мекунем. Шумо метавонед розигии худро бо дар тамос шудан бо Мансабдори ҳифзи иттилоот тавассути почтаи электронӣ privacyofficer@smg.com ё навиштани мактуб ба Мансабдори ҳифзи иттилооти ширкати Service Management Group, LLC, дар нишонии 1737 McGee Street, Kansas City, MO 64108 бекор кунед.

**4.3.** Мо инчунин метавонем маълумотеро коркард кунем, ки шумо ба платформаҳои Расонаҳои иҷтимоӣ таъмин кардед, вобаста аз танзимоти махфияти шумо, вақте ки шумо хизматрасониҳои шабакаҳои иҷтимоиро дар пайвастагӣ бо Хизматрасониҳои SMG истифода мебаред. Мо чунин иттилоотеро дар асоси ризоияти шумо коркард мекунем, ки шумо дар танзимоти махфияти худ дар хизматрасонии шабакаҳои иҷтимоӣ муайян кардед. Шумо метавонед ризоияти худро бо тағйирдиҳии танзимоти махфияти худ бекор кунед, то ки мо дигар натавонем ба маълумоти Расонаҳои иҷтимоии шумо дастрасӣ пайдо кунем.

**4.4.** Мо маълумотеро коркард мекунем, ки аз Муштариёни мо дар бораи амаликунии якҷояи шумо бо брендҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳои онҳо, қабул кардем. Мо чунин маълумотро дар асоси манфиатҳои қонунии SMG ва Муштариёни SMG коркард мекунем, барои беҳтаркунӣ ва такмилдиҳии маҳсулот ва хизматрасониҳои SMG ва Муштариёни мо, ва барои такмилдиҳии таҳқиқотҳои маркетингии SMG.

## 5. ТАРЗИ ИСТИФОДА ВА МУБОДИЛА КАРДАНИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

Тарзи истифода ва мубодила кардани иттилооти ҷамъшуда ё таъминкардаи шумо аз тарзи истифода ва пайдо кардани дастрасӣ ба Хизматрасониҳои SMG аз тарафи шумо вобаста аст. Мувофиқи қонунгузории татбиқшаванда, SMG ба дархостҳои шумо барои қатъ кардани ирсоли маълумоти шахсӣ ба тарафҳои сеюм мувофиқат мекунад.

- **Робита бо шумо**. Маълумоти шахсии шумо ба таври лозимӣ истифода мешавад, барои идоракунии муносибатҳои мо бо шумо тавассути почта, телефон, почтаи электронӣ, огоҳиҳои мобилӣ ва паёмҳои матнии SMS. Агар

ҷавобдиҳанда ба таври ҷиддӣ тамосгириро бо мо дархост накунад, SMG бо ҷавобдиҳандаи Саволнома дар тамос намешавад, ба ғайр аз ниёзи тамосгирӣ барои тасдиқи яклухтии саволнома, барои таъмин намудани Саволномаҳо, барои таъмин намудани мукофотҳо ё фоидаҳои ба даст оварда, ҳамчун натиҷаи ҷавобдиҳии шумо дар саволнома, ё барои таъмин намудани хизматрасонии муштарӣ. Бо вуҷуди он, ки SMG Маълумоти шахсии шуморо барои мақсадҳои маркетингии мустақим истифода намебарад, шумо бояд бо Сиёсати махфияти муштарие, ки мо барои он Маълумоти шахсии шуморо ҷамъ мекунем, шинос шавед, ва муайян кунед, ки он ҳам маълумоти шуморо барои чунин мақсадҳо истифода намебарад. Мо метавонем Маълумоти шахсии шуморо бо провайдерҳои хизматрасоние мубодила кунем, ки барои идоракунии муносибатҳои мову шумо ба мо кумак мерасонад.

- **Иҷрокунии хизматрасониҳое, ки шумо дархост мекунед.** Мо метавонем Маълумоти шахсии шуморо истифода барем ва мубодила кунем, барои иҷро кардани хизматрасониҳое, ки шумо иҷро мекунед ё вазифаҳое, ки шумо оғоз менамоед, масалан, вақте ки шумо маълумот ва маводро дар лавҳаҳои иттилоотӣ, форумҳо ё дар саҳифаҳои Расонаҳои иҷтимоии мо ҷойгир мекунед. Илова бар ин, вақте ки шумо ба мо иҷозат медиҳед, мо метавонем Маълумоти шахсии шуморо ошкор кунем, барои муайянкунии шумо ба он шахсоне, ки шумо ба он маълумотро тавассути Хизматрасониҳои SMG исрол мекунед. Минбаъ, мо метавонем Маълумоти шахсии шуморо исифода барем ва бо тарафҳои сеюм мубодила кунем, барои таъмин кардани мукофотҳо ва фоидаҳое, ки шумо дархост кардед ва тавассути иштироки худ дар Саволномаҳо ба даст овардед. Агар интихоб кунед, ки дар тотализаторҳо ё аксияҳои дигар иштирок намоед, мо маълумоти шуморо ба маъмурияти тарафи сеюми он аксияҳо ирсол мекунем, то онҳо тавонанд ба саволҳои шумо ҷавоб диҳанд ё барои супоридани мукофот дар тамос шаванд, ё барои ҳалли дигар масъалаҳои марбут ба аксияҳо.

- **Таҳлилкунии истифода ва беҳтаркуни Хизматрасониҳои SMG.** Мо Маълумоти шахсии ҷамъшударо барои таҳлили истифодабарӣ, муайянкунии фиребгарӣ ва иҷрокунии такмилдиҳии Хизматрасониҳои SMG аз кукиҳо ва дигар абзорҳои ҷамъкунии иттилоот истифода мебарем. Мо метавонем аз сомонаҳои хизматрасониҳои таҳлилии тарафҳои сеюм истифода барем барои таҳлил кардани тарзи истифодабарии Хизматрасониҳои SMG аз тарафи шахсони воқеӣ, аз он ҷумла, мо зеркуниҳои муш, ҳаракатҳои муш, фаъолияти ҳаракати саҳифаҳо ва матнеро, ки шумо ба қуттиҳои холӣ дар шаклҳо ворид мекунед, сабт кунем. Мо маълумоти ҷамъшударо аз он хизматрасониҳои тарафҳои сеюм истифода мебарем барои беҳтар фаҳмидани он, ки чӣ тавр корбарони мо Хизматрасониҳои SMG-ро меёбанд ва истифода мебаранд, барои такмил додани хизматрасониҳои мо ва беҳтар кардани таҷрибаи корбарони мо.

- **Мубодида кардани маълумот бо првайдерҳои хизматрасонии дигар.** Мо метавонем маълумоти шуморо мубодила кунем, аз он ҷумла, Маълумоти шахсии шумо, бо провадерҳои хизматрасонии дигаре, ки мо барои иҷро кардани вазифаҳо аз хизматрасониҳои он истифода мебарем, монанди хостинг, нигаҳдории иттилоот ва амният. Инчунин, мо метавонем Маълумоти шахсии шуморо барои иҷро кардани дигар хизматрасониҳои марбут ба SMG, монанди баҳодиҳӣ ва тақриздиҳии сомонаҳое, ки мо идора мекунем, ба таври лозимӣ истифода барем.

- **Мубодида кардани маълумот бо Муштариён.** Агар шумо ба Хизматрасониҳои SMG дастрасӣ пайдо кунед барои иштирок дар Саволномаи марбут ба таҷрибаи истеъмолкунандаи шумо бо яке аз Муштариёни мо, мо Маълумоти шахсиеро, ки ҷамъ мекунем дар бораи шумо ва ҷавобҳои шумо дар Соволнома, бо Муштарии мо мубодила мекунем. Инчунин, мо метавонем ин Маълумоти шахсиро

истифода барем барои ба даст овардани хушфаҳмии таҳқиқоти маркетингӣ ва таъмин намудани таҳлили рафтори истеъмолкунандагон ва иттилооти тиҷоратӣ ба Муштариёни мо. Барои маълумоти бештар оид ба чӣ тавр Муштарии мо, барои кӣ мо Маълумоти шахсии шуморо ҷамъ мекунем, Маълумоти шахсии шуморо истифода мебарад, муҳофизат мекунад ва ба таври дигар коркард менамояд, Сиёсати махфии чунин Муштарии моро мутолиа кунед. Инчунин, мо ва муштариёни мо метавонанд ҳар гуна маълумотро муттаҳид кунанд, аз он ҷумла Маълумоти шахсии ҷамъшуда аз шумо ё дар бораи шумо аз тарафи мо, Муштариёни мо ва манбаҳои тарафҳои сеюм. SMG метавонад маълумоти муттаҳидшударо истифода барад барои ҳар гуна мақсадҳои изҳоршуда дар ин Сиёсати махфият, ва Муштариёни мо метавонанд маълумоти муттаҳидшударо барои ҳар гуна мақсадҳои изҳоршуда дар Сиёсатҳои махфият худ истифода баранд.

- **Мувофиқсозӣ бо уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва таъмини риоякунии ҳуқуқҳои қонунӣ.** Мо инчунин метавонем маълумотеро, ки мо аз шумо ҷамъ мекунем ба таври лозимӣ истифода барем барои таъмини риоякунии ҳуқуқҳо, ҳифз кардани моликияти мо ё ҳифз кардани ҳуқуқҳои мо, моликият ва бехатарии дигарон, ё ба таври лозимӣ, барои дастгирии аудити берунӣ, мувофиқсозӣ ва идоракунии вазифаҳои корпоративӣ. Мо Маълумоти шахсии шуморо ба таври лозимӣ ошкор мекунем барои посухдиҳӣ ба огоҳнома бо даъваткунӣ ба суд, фармони ҳатмӣ аз мансабдор оид ба ҳифзи иттилоот ё судя, раванди судӣ, дархости ҳукуматӣ ё ягон дигар уҳдадории меъёрии ҳуқуқӣ, дар ҳар як ҳолат ин метавонад ширкате берун аз кишвари ҷои зисти шумо бошад. Мо инчунин метавонем Маълумоти шахсиро ба таври лозимӣ мубодила намоем барои истифодаи воситаҳои дастрас дар ҳифзи ҳуқуқӣ ё маҳдуд кардани ягон зарар.

- **Интиқоли иттилоот дар вобастагӣ бо тағйироти корпоративӣ.** Мо метавонем маълумотеро дар бораи шумо интиқол диҳем, аз он ҷумла Маълумоти шахсии шумо, дар вобастагӣ ба ягон созмондиҳии муҷаддади воқеӣ ё минбаъда, муттаҳидшавӣ, фурӯшӣ, ширкати фаръӣ, гузашт, интиқол, бадастоварӣ ё дигар тағйироти соҳибмулкӣ ё идоракунӣ аз тарафи SMG ё ягон ширкати фаръии он (дар ҳар як ҳолат ба таври пурра ё қисман), аз он ҷумла, бе маҳдудият, дар вобастагӣ бо ягон муфлисӣ ё таҷрибаи монанд. Ҳар як чунин шаркате, ки мо ба он Маълумоти шахсии шуморо интиқол медиҳем, бояд ба шумо огоҳиномаро ирсол намояд ва ягон номувофиқсозиро бо мақсадҳои коркарди изҳоршуда дар Сиёсати махфияти мазкур муайян кунад, аз он ҷумла, ягон таҷрибаи махфияте, ки ба таври қатъӣ аз таҷрибаҳои изҳоршуда дар Сиёсати махфияти мазкур фарқ мекунад. Агар мувофиқи қонунгузорӣ талаб карда шавад, чунин ширкат инчунин бояд ризоияти шуморо қабул кунад.

- **Истифодаи Маълумоти шахсӣ барои дигар мақсадҳои тиҷоратӣ.** Мо инчунин Маълумоти шахсии шуморо барои дигар мақсадҳои тиҷоратии қонунӣ истифода мебарем, монанди эҷодкунии маҳсулот ва хизматрасонӣ, ва идоракунии Хизматрасониҳои SMG.

## 6. НИГАҲДОРӢ ВА НЕСТКУНИИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

Мо Маълумоти шахсии шуморо дар сабтҳои худ ба муҳлати на зиёда аз муҳлати муқарраршуда барои мақсадҳои аслии ҷамъкунии он нигоҳ медорем. Вақте ки чунин маълумот барои мақсадҳои аслии ҷамъкунии он дигар лозим намешавад, мо ба таври бехатар ҳамаи маълумоти шахсии электронии шуморо нест мекунем, ва ба таври бехатар ҳар гуна нусхаҳои қоғазиро бо Маълумоти шахсии шумо нобуд месозем, ба ғайр аз он чизҳое, ки барои мувофиқсозӣ бо уҳдадориҳои ҳуқуқӣ лозим мебошанд.

## 7. ҲУҚУҚҲО ВА ИМКОНОТИ ШУМО НИСБАТ БА КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

Шумо метавонед иштироки худро дар Саволномаҳо дар вақти дилхоҳ қатъ кунед ва дигар ба Хизматрасониҳои SMG ворид нашавед.

Агар шумо дар минтақае дорои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиндагӣ кунед, ки ба шумо ҳуқуқ медиҳанд барои дархост кардани амалҳои муайян нисбат ба Маълумоти шахсии шумо, ба шумо ҳуқуқҳои муайян дода мешаванд аз рӯи чунин қонун[ҳо] ё санад[ҳо]и меъёрии ҳуқуқӣ, ки метавонанд ҳуқуқеро дар бар гиранд, барои дархост кардани дастрасӣ ва воридкунииислоҳот (масалан, тағйирот ё иловаҳо) ё несткунии Маълумоти шахсии шумо, ҳуқуқи интиқоли маълумоти шумо (масалан, ҳамлпазирии маълумот), маҳдудкунии коркарди Маълумоти шахсии шумо, аз он ҷумла ҳуқуқи эътирози коркарди Маълумоти шахсии шумо, ҳуқуқи бекор кардани розигии шумо, ҳуқуқи бекор кардани ҳисоби шумо, ва ҳуқуқи пешниҳод кардани даъво ба мақомоти назоратӣ. Ҳамаи чунин дархостҳо мувофиқи параметрҳои танзимшуда дар қонунгузории татбиқшаванда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иҷро карда мешаванд.

Агар шумо дар Иттиҳоди Аврупо зиндагӣ кунед, ки ба шумо ҳуқуқ медиҳанд, то тавонед аз рӯи Қонуни муҳофизати маълумоти умумӣ аз SMG дархост кунед барои воридкунии ислоҳот ё несткунии Маълумоти шахсии шумо, маҳдудкунии коркарди Маълумоти шахсии шумо, ҳуқуқи эътирози коркарди Маълумоти шахсии шумо, ҳуқуқи бекор карданирозигии шумо, ваҳуқуқи пешниҳод кардани даъвоба мақомоти назоратӣ. Агар шумо берун аз Иттиҳоди Аврупо зиндагӣ кунед, шумо инчунин метавонед мувофиқи қонунгузории маҳаллии худ дорои баъзеи ҳуқуқҳои субъекти маълумот бошед.

Барои фиристодани чунин дархост, бо Мансабдори ҳифзи иттилоот тавассути почтаи электронии privacyofficer@smg.comё навиштани мактуб ба Мансабдори ҳифзи иттилооти ширкати Service Management Group, LLC, дар нишонии 1737 McGee Street, Kansas City, MO 64108 дар тамос шавед.

## 8. ОҚИБАТҲОИ ТАЪМИН НАКАРДАНИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

Бо вуҷуди он, ки иштирок дар Саволномаҳои мо ихтиёрӣ мебошад, шумо наметавонед, ки баъзеи ҳавасҳо, мукофотҳо ё фоидаҳоро дархост кунед, агар дар рафти Саволнома шумо ҳамаи маълумоти дархостшударо таъмин накунед.

## 9. СИЁСАТИ КУКИҲО

### 9.1. Кукиҳо чӣ маъно доранд

SMG ва провайдерҳои хизматрасонии мо файлҳои хурдро бо номи "кукиҳо" истифода мебаранд. **"Кукиҳо**" файлҳои компютерии хурд мебошанд, ки ба браузери веби шумо ё ба диски сахти компютер, дастгоҳи мобилӣ ё планшети шумо фиристода мешаванд, ки дорои маълумот дар бораи компютери шумо мебошанд, масалан, номи корбар (ID), танзимоти корбар, таърихи тамошокунӣ, ва амалҳои татбиқшуда ҳангоми истифодабарии Хизматрасониҳо. Куки одатан номи доменеро дар бар мегирад (ҷойгиршавии интернетӣ) аз куҷо Куки ба вууд меояд, "муҳлати иҷрои" Кукиҳо (масалан, анҷоми муҳлат), ва рақами беҳамто ё идентификароти тасодуфан эҷодшуда. Кукиҳо метавонанд ба Маълумоти шахсӣ пайваст карда шаванд.

### 9.2. Мо чӣ тавр Кукиҳо ва Абзорҳои ҷамъкунии иттилоотро истифода мебарем

Кукиҳо барои беҳтар кардани Хизматрасониҳои SMG ба мо кумак мерасонанд бо пайгирӣ кардани одатҳои паймоиши шумо ва фармоишдиҳии тарҷибаи шумо барои Хизматрасониҳои SMG. Ин ба мо имкон медиҳад, то тавонем маълумоти техникӣ ва паймоиширо дар бораи Хизматрасониҳои SMG таҳлил кунем ва фиребгариро муайян

карда, пешгирӣ намоем.

Мо инчунин Кукиҳо ва дигар абзорҳои ҷамъкунии иттилоотро (монанди миноҳои веб ва қайдҳои сервер), ки мо дар маҷмӯъ ба “**Абзорҳои ҷамъкунии иттилоот”** истинод мекунем, барои беҳтар кардани тарҷибаи шумо дар Хизматрасониҳои SMG – барои мисол, бо дар хотир нигоҳ доштани боздидҳои шумо ба сомонаи мо, ва таъмин намудани шумо бо муҳтавое, ки ба шумо бештар муносиб мебошад.

Хизматрасониҳои SMG инчунин метавонанд аз абзорҳои ҷамъкунии иттилоот истифода баранд барои ҷамъ кардани иттилоот аз дастгоҳе, ки шумо барои пайдо кардани дастрасӣ ба Хизматрасониҳои SMG истифода мебаред, монанди навъи низоми амалкунандаи шумо, навъи браузер, домен, ва дигар танзимоти низомӣ, аз он ҷумла, забони низоми шумо, кишвар ва минтақаи вақти ҷойгиршавии дастгоҳи шумо.

### 9.3. Идоракунии кукиҳо аз тарафи шумо

Браузерҳои веб иҷозат медиҳанд, ки тавассути танзимоти браузер беъзе Кукиҳо тавонанд идора карда шаванд. Баъзеи браузерҳои веб (аз он ҷумла браузерҳои веби мобилӣ) танзимотеро таъмин менамоянд, ки ба шумо барои рад кардани Кукиҳо иҷозат медиҳанд ё ба шумо огоҳӣ нишон медиҳанд вақте ки Куки дар компютер, планшет ё дастгоҳи мобилии шумо ҷойгир карда мешавад. Шумо метавонед идентификаторҳои дастгоҳҳои мобилиро рад кунед бо фаъолсозии танзимоти мувофиқ дар дастгоҳи мобилии худ. Бо вуҷуди он, ки шумо барои қабул кардани идентификаторҳои дастгоҳи мобилӣ ё Кукиҳои SMG уҳдадор намебошед, агар шумо онҳоро манъ ё рад кунед, шумо метавонед ба ҳамаи хусусиятҳои дастрас тавассути Хизматрасониҳои SMG дастрасӣ пайдо накунед. Илова бар ин, агар шумо сокини кишваре бошед, ки қонунгузории он аз мо дархости ризоияти шуморо талаб мекунад барои истифодаи кукиҳо дар сомонаҳо ё/ва барномаҳои мо, шумо метавонед танзимоти хусусиятҳои кукиҳои худро дар он сомонаҳо ё/ва барномаҳо идора кунед; ба ғайр аз он кукиҳое, ки барои фаъолсозии фаъолияти асосии чунин сомонаҳо ва барномаҳо лозиманд, ва шумо наметавонед он кукиҳоро ғайрифаъол созед.

## 10. ИДОРАКУНИИ МАЪЛУМОТИ ҲИСОБИ ШУМО

Шумо метавонед қисми ҳисоби худро дар Хизматрасонии SMG-и мувофиқ боздид кунед барои идора ва ислоҳ кардани носаҳеҳии ҳақиқӣ дар маълумоте, ки мо дар бораи шумо дорем. Агар шумо ягон савол дошта бошед оид ба он ки шумо чӣ тавр метавонед ба Маълумоти шахсии худ дастрасӣ пайдо кунед ва онро ислоҳ намоед, бо Мансабдори ҳифзи иттилоот тавассути почтаи электронии privacyofficer@smg.comё навиштани мактуб ба Мансабдори ҳифзи иттилооти ширкати Service Management Group, LLC, дар нишонии 1737 McGee Street, Kansas City, MO 64108 дар тамос шавед.

## 11. МАХФИЯТИ КӮДАКОН

Хизматрасониҳои SMG барои истифодабарндагони сершумор омода карда шудаанд, ва барои кӯдаконе пешниҳод карда намешаванд, ки ба сунну сол мувофиқат намекунанд, вақте ки онҳо наметавонанд барои коркарди Маълумоти шахсии худ мувофиқи қонунгузории кишварҳое, ки мо дар он ҷо амалӣ мекунем, ризоияти худро диҳанд. Мо бошуурона Маълумоти шахсии чунин шахсонро ҷамъ намекунем. Агар шумо маълумот дошта бошед, ки кӯдаке, ки ба синну сол мувофиқат намекунад, вақте ки он метавонад барои коркарди Маълумоти шахсии худ ба таври қонунӣ иҷозат диҳад, ва бе иҷозати волидони худ ба мо Маълумоти шахсии худро таъмин кард, бо Мансабдори ҳифзи иттилоот тавассути почтаи электронӣprivacyofficer@smg.comё навиштани мактуб ба Мансабдори ҳифзи иттилооти ширкати Service Management Group, LLC, дар нишонии 1737 McGee Street, Kansas City, MO 64108 дар тамос шавед. Агар мо пайдо кунем, ки кӯдаке, ки ба синну сол мувофиқат намекунад, вақте ки он метавонад барои коркарди Маълумоти шахсии худ мувофиқи қонунгузорӣ иҷозат

диҳад, ва бе иҷозати волидони худ ба мо Маълумоти шахсии худро таъмин кард, мо барои тоза кардани чунин маълумот ва барҳам додани ҳисоби кӯдак ҳарчи зудтар чораҳои лозимиро меандешем.

## 12. ПАЙВАНДҲО БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАРАФҲОИ СЕЮМ

Хизматрасониҳои SMG метавонанд пайвандҳоро ба сомонаҳо ва хизматрасониҳои тарафҳои сеюм (“**Хизматрасониҳои тарафҳои сеюм**”) дар бар гиранд, ки SMG бо чунин тарафҳо ягон муносибат надорад. Ягон пайванд ба Хизматрасонии тарафи сеюм маънои онро надорад, ки мо онро тасдиқ кардем, ва сифати ё дурустии маълумоти онро тарафдорӣ мекунем. Агар шумо хоҳед, ки ба Хизматрасонии тарафи сеюм ташриф оред, ба шумо қоидаҳои махфияти онҳо татбиқ карда мешаванд ва қоидаҳои изҳоршуда дар Сиёсати махфияти мазкур татбиқ карда намешаванд.

## 13. АМНИЯТИ МАЪЛУМОТ

SMG дорои барномаи амнияти иттилооте мебошад, ки чораҳои техникӣ, ҷисмонӣ ва ташкилотиро иҷро мекунад, ва ки барои кумаки таъмин намудани амният ва махфияти Маълумоти шахсӣ эҷод карда шудааст; муҳофизат аз таҳдидҳои имконпазир нисбат ба махфият, яклухтӣ ва дастрас будани Маълумоти шахсӣ; ва муҳофизат кардани Маълумоти шахсии шумо бар зидди гумшавӣ, сӯистеъмол, тағйирдиҳии беиҷозат ё вароншавӣ, ва дастрасии беиҷозат ё ошкоркунӣ.

Аммо, ҳар вақте ки Маълумоти шахсӣ коркард мешавад, хавфе вуҷуд дорад, ки чунин маълумот метавонад гум карда шавад, сӯистифода карда шавад, тағйир дода шавад, дуздӣ карда шавад, вайрон карда шавад ва/ё бе иҷозат аз тарафи сеюм дастрас карда шавад. Ягон низом ё интиқоли маълумот бехатарии комил надорад. Дар илова ба чораҳои техникӣ, ҷисмонӣ ва ташкилотие, ки SMG бояд барои ҳифз кардани Маълумоти шахсии шумо иҷро намояд, шумо ҳам бояд чораҳои амниятии мувофиқро барои ҳифз кардани Маълумоти шахсии худ татбиқ намоед. Агар шумо мутмаин бошед, ки ҳисоби SMG-и шумо ё ягон маълумоте, ки шумо ба мо таъмин кардед, дигар дар ҳолати бехатар намебошад, бо Мансабдори ҳифзи иттилоот тавассути почтаи электронии privacyofficer@smg.com ё телефон 1-800-764-0439 бо пурсидани Мансабдори ҳифзи иттилоот SMG, дар тамос шавед.

## 14. ХУСУСИЯТҲОИ ҶУҒРОФӢ ВА ИНТИҚОЛҲОИ БАЙНИСАРҲАДИИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

SMG Хизматрасониҳои SMG-ро аз Иёлоти муттаҳидаи Амрико идора ва амалӣ мекунад. SMG метавонад Маълумоти шахсии шуморо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Шоҳигарии Муттаҳида, Ҷопон ё ягон макони дигар дар Осиё ё Иттиҳоди Аврупо интиқол, ҳифз ва коркард намояд. Ба назар гиред, ки муҳофизати иттилоот ва қонунҳои махфият дар кишваре, ки Маълумоти шахсии шумо ба он интиқол дода мешавад, метавонад ҳаматарафа ба қонунгузории кишвари шумо мувофиқат накунад. Барои мисол, Маълумоти шахсие, ки ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико интиқол дода мешавад, метавонад барои пайдо кардани дастрасӣ ба он аз тарафи мансабдорони федералӣ ё иёлотӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба таври қонунӣ дархост карда шавад.

Ягон интиқоли Маълумоти шахсӣ аз Минтақаи Иқтисодии Аврупо (“EEA”) ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мувофиқи Муҳофизати махфияти ИМА-ИА иҷро карда мешавад. SMG иштирок мекунад ва ба принсипҳои Муҳофизати махфияти ИМА-ИА мувофиқат мекунад дар муносибати ҷамъкунӣ, истифодабарӣ, мубодилакунӣ ва нигаҳдории Маълумоти шахсӣ аз Минтақаи Иқтисодии Аврупо (EEA), ба тавре, ки дар гувоҳиномаи Муҳофизати махфияти ИМА-ИА-и мо изҳор карда шудааст. Рӯйхати Муҳофизати махфиятро дар ин ҷо нигаред. Маълумоти бештар оид ба Муҳофизати махфият дар ин

ҷо дастрас аст. SMG дар зери назорати Комиссияи савдои федералии ИМА мебошад, ва барои коркарди Маълумоти шахсӣ аз тарафи тарафҳои сеюме, ки маълумоти шахсиро аз SMG ба даст оварданд ва ба тавре ки ба Принсипҳои муҳофизати махфият мувофиқат намекунад, коркард мекунанд, уҳдадор мебошад, ба ғайр аз он ҳолатҳое, ки SMG нишон медиҳад, ки он барои рӯйдоде, ки вайроншавиро ба вуҷуд меорад, ба ҳар ҳол наметавонад уҳдадориро ба зиммаи худ гирад. Ягон ва ҳамаи интиқолҳои Маълумоти шахсӣ берун аз Минтақаи Иқтисодии Аврупо (EEA) бояд мувофиқи ин Сиёсати махфият ва тамоми қонунгузории татбиқшаванда иҷро карда шаванд. Агар шумо нисбат ба мувофиқсозии Муҳофизати махфият ягон норозигӣ дошта бошед, бо Мансабдори ҳифзи иттилоот тавассути почтаи электронии privacyofficer@smg.com ё бо навишти мактуб ба Мансабдори ҳифзи иттилооти ширкати Service Management Group, LLC, 1737 McGee Street, Kansas City, MO 64108 дар тамос шавед. Шумо инчунин метавонед шикояти худро, ба таври ройгон, ба мақомоти мустақили интихобшудаи мо барои ҳалли баҳсҳо, Иттиҳоди Арбитражии Амрикоӣ, пешниҳод намоед ва дар ҳолатҳои муайян, раванди арбитражиро нисбат ба Муҳофизати махфият оғоз намоед.

Сиёсати махфияти мазкур дар забони англисӣ буда, муқаррароти расмии таҷрибаи махфияти SMG нисбат ба Хизматрасониҳои SMG мебошад. Дар ҳолати номувофиқатӣ байни ин Сиёсати махфият дар забони англисӣ ва ягон тарҷума дар забони дигар, ин санад дар забони англисӣ бояд афзал дониста шавад.

## 15. МАЪЛУМОТ БАРОИ ТАМОС

Агар шумо дар бораи махият ягон савол дошта бошед, барои пайдо кардани дастрасӣ ё навсозӣ кардани Маълумоти шахсии худ кумал лозим бошад, ё шикоятҳо нисбат ба коркарди Маълумоти шахсии худ дошта бошед, бо Мансабдори ҳифзи иттилоот тавассути почтаи электронии privacyofficer@smg.com дар тамос шавед.

Шумо инчунин метавонед ба мо ба нишонии зерин нависед:

Service Management Group, LLC
Attn: Data Protection Officer 1737
McGee Street
Kansas City, MO 64108

Service Management Group, Ltd.
Attn: Data Protection Officer
38-40 The Maltings
St Albans
Hertfordshire AL1 3HL
UNITED KINGDOM

Service Management Group G.K.
Attn: Data Protection Officer
2-7-16 No. 3 Komoriya Building 9F
Hamamatsu-cho, Minato-ku
Tokyo 1050013, Japan

## 16. НАЗОРАТКУНАНДАИ МАЪЛУМОТ ВА МАНСАБДОРИ ҲИФЗИ МАЪЛУМОТ

Маълумоти шахсие, ки аз тарафи SMG ҷамъ карда мешавад, бо Service Management Group, LLC, 1737 McGee Street, Kansas City, MO 64108 идора карда мешавад. Шумо метавонед бо Мансабдори ҳифзи иттилоот тавассути почтаи электронии privacyofficer@smg.com ё навиштани мактуб ба Мансабдори ҳифзи иттилооти ширкати Service Management Group, LLC, дар нишонии 1737 McGee Street, Kansas City, MO 64108 дар тамос шавед.